## Тақризи

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ.**

Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои марбут ба илми номшиносӣ (ономастика) муддати зиёдест, ки диққати муҳаққиқони соҳа, умуман забоншиносонро ба худ ҷалб намуда, имрӯзҳо ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми забоншиносии муосир табдил ёфтааст.

Ҷойномҳо, яъне топонимҳо ва микротопонимҳо, ки як бахши илми номшиносиро ташкил медиҳанд, воҳидҳои луғавии нисбат ба категорияҳо ва дигар воҳидҳои луғавии забон хеле устувору осебнопазир буда, чун оинаи тамомнамо инъикосгари ташаккул ва таҳаввули давраҳои таърихии забон маҳсуб мешаванд. Ин соҳаи илми забоншиносӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои лингвистии номвожаҳои ҷуғрофӣ, инчунин муайянсозӣ ва мушаххассозии марзҳо ва ҳудудҳои интишор ва буду боши забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои гурӯҳи эронӣ мусоидат мекунад.

Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқотҳои номшиносӣ оид ба самтҳои гуногун, аз ҷумла: омӯзиши топонимия ва микротопонимияи минтақавӣ; омӯзиши топонимияи таърихӣ; таҳқиқи антропонимияи тоҷикон; таҳқиқи маводи ономастикии маъхазҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ; таҳқиқи ономастикаи асарҳои бадеӣ; хусусиятҳои луғавӣ-маъноии антропонимияи тоҷикон ва инъикоси антропонимия дар маъхазҳои гуногуни хаттӣ сурат гирифтааст.

Илми мазкур гуногунсоҳаву бисёрҷанба буда, дар замони Истиқлоли миллӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи исмҳои хос, бахусус ҷойномҳо (топоним ва микротопонимҳо) ва умуман масъалаҳои марбут ба ном ва номгузорӣ аҳаммияти хосса касб кардааст.

Шуруъ аз солҳои 30- 40-уми асри XX- и замони шӯравӣ сар карда то ба имрӯз дар Тоҷикистон муҳаққиқони илми ономастика (номшиносӣ) ва умуман забоншиносону донишмандони соҳа ба таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ машғул гардида ба дастовардҳои назаррасе ноил гардида бошанд ҳам, аммо баъзе масъалаҳои ҳалталаби он то ба имрӯз мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтаву ҳалли мусбии худро наёфтаанд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳиму ҳалталаби илми забоншиносии муосири тоҷик, дар даврони ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, омӯзиш ва таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимия ва микротопонимияи марзҳои таърихӣ ва минтақаҳои тоҷикнишини кишварҳои ҳамсоя,

алалхусус ҷумҳурии бо мо дӯсту бародар Узбекистон мебошад. Инчунин масъалаи дигаре, ки бояд дар мадди назари муҳаққиқони забоншинос қарор дошта бошад ин омӯзиш ва таҳқиқи густурдаи гӯйишҳо ва лаҳҷаҳои тоҷикии тоҷикзабонони ҷумҳуриҳои бо мо ҳамсояи минтақаи Осиёи миёна мебошад.

Ба ғайр аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони риштаи номшиносии ҷумҳурии Узбекистон Ш. Қодиров (1970), Т. Раҳматов (1973), Т. Нафасов (1989), Р. Х. Бобохоҷаев (1993), Ш. Камолиддинов (2006) Р. Бӯриев (2010) ва дигарон, ки ҷойномҳои дар қаламрави имрӯзаи Узбекистон мавҷудбуда , чун Самарқанд, Тошкант, Хоразм, Қашқаларё, Ургут, Бойсун ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ягона таҳқиқоте, ки оид ба хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории ҷойномҳои марзҳои таърихӣ ва алҳол тоҷикнишини берун аз марзи Тоҷикистон анҷомдодаи муҳаққиқи тоҷик, доктори илми филология Д. Р. Ҳомидов мебошад, ки оид ба хусусиятҳои лингвистии топонимияи водии Кешрӯд (Қашқадарё) мебошад.

**Интихоби мавзуъ** ба сифати яке масъалаҳои ҳалталаби илми забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон Турсунова Мунаввара Аъзамовна хеле дуруст сурат гирифтааст ва ҳалли масъала дар кушодани баъзе гиреҳҳо ва мушкилоти илми ономастика, яъне номшиносии тоҷик, алалхусус мавқеи номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ, суғдӣ, бохтарӣ ва дигар забонҳои гурӯҳи эронӣ, дар марзҳои таърихии тоҷикнишини ҷумҳурии Узбекистон ва ғайра мусоидат мекунад.

Ин бахши кор дар матни автореферат ва диссертатсияи унвонҷӯ, аз нигоҳи ҳаҷм, баёни фикр ва гузориши масъала то ҷое тӯлонӣ баромадааст.

Аз бахши **«Дараҷаи омӯзиши мавзуъ»** бармеояд, ки то таҳияи диссертатсияи илмии хеш муҳаққиқи ҷавон адабиёти илмию назариявии зиёдеро, ки ба мавзуи таҳқиқ марбут мебошанд, ҳаматарафа ҷиддӣ мутолиа намуда, дар зарурат аз онҳо то андозае баҳра ҳам бардоштаву баъзан пайравӣ низ кардааст. Инчунин ҷо-ҷо барои баёни фикру андешаи худ бо баъзе муҳаққиқони соҳа дар баҳс шуда назару андешаҳои худро баён намуда, то андозае муваффақ ҳам шудааст.

**Саҳми ин ё он муҳаққиқро** дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба илми номшиносии тоҷик, хусусан, дар баррасии топонимҳои минтақаҳои таърихан тоҷикнишини ҷумҳуриҳои Осиёи миёна, алалхусус ҷумҳурии Узбекистон ва минҷумла минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта, аз ҷумла таҳқиқотҳои арзишманди донишмандону муҳаққиқони шинохтаи соҳа – топонимшиносон Э. М. Мурзаев, А. И. Попов, В. Л. Топоров, академик В. В. Бартолд, тоҷикшиносон М. С. Андреев, Л. В. Ошанин, Е.

М. Пешерова, эроншиносон В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд,Т. Н. Пахалина, В. С. Соколова, О. И. Смирнова, А. Л. Хромов, В. А. Лившитс, муҳаққиқони узбек Ш. Қодиров, Т. Раҳматов , Т. Нафасов, Р. Х.Бобохоҷаев Ш. С. Камолиддинов , Р. Бӯриев,топонимшиносони тоҷик Р. Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, Д. Р. Ҳомидов, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, О. Муҳаммадҷонзода, Ҷ. Алимӣ, Б. Б. Тураев, Р. Шодиев, Р. Шоев ва дигаронро таъкид намудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ- таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, инчунин таълифи дастурҳои таълимии тахассусӣ нақши муҳим бозида метавонад. Мавзуи таҳқиқотии мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб мешавад.

**Дар бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ»** диссертант ҳадафи таҳқиқро ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили густурда ва таснифи номвожаҳои ҷуғрофии водии таърихан тоҷикнишини Сурхон (ҳоло вилояти Сурхондарё и ҷумҳурии Узбекистон) арзёбӣ намуда, ҳамон мафҳумҳоро бо андаке тафсилот дар бахши вазифаҳои таҳқиқ овардааст.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқ** омӯзиш ва пажӯҳиши ҳаматарафаи хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории ҷойномҳои воҳаи Сурхон маҳсуб ёфта, дар ин замина мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ташаккули ҷойномҳо муқаррар карда мешавад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъро диссертант дар ҳалли масъалаҳои зерин арзёбӣ кардааст:

- дар асоси сарчашмаҳои хаттии давраҳои бостон, миёнаи таърихӣ ва давраи нави забонҳои эронӣ муайян кардани худудҳои таърихӣ-ҷуғрофии воҳаи Сурхон;
- ошкор сохтани вижагиҳои луғавии маъноии топонимҳои воҳаи Сурхон;
- баррасии хусусиятҳо ва унсурҳои лексики ҷойномҳои воҳа, муайян кардани теъдоди шаклҳои муродифии топонимҳо ва доираи корбурди онҳо;
- таҳқиқи хусусиятҳои семантикӣ (маъноӣ) топоформантҳои ҷойномсози воҳа;
- таҳқиқи қабатҳои луғавӣ ва маънои лексикидоштаи ҷойномҳои воҳа;
- муайян кардани мавқеи анҷомаҳои ҷойномсоз дар таркиби ҷойномҳои воҳа;
- баррасии ҷойномҳо аз ҷиҳати пайдоиш;
- таҳқиқи ҷойномҳои воҳа аз ҷиҳати сохтор;

- таҳқиқи ҷойномҳои воҳа аз ҷиҳати мансубияти забонӣ (тоҷикӣ, туркӣ, узбекӣ, арабӣ ва ғайра);
- таҳқиқи анҷомаҳои ҷойномсози воҳа аз ҷиҳати мансубияти забонӣ (пасвандҳои ҷойномсози тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ);
- таҳқиқи решашиносии маводи топонимӣ ва муайян кардани раванди ташаккули таърихии ҷойномҳои субстрати забонҳои қадимаи давраи миёнаи таърихи эронӣ ( суғдӣ, бохтарӣ, сакоӣ, хоразмӣ ва ғайра);

**Объект ва предмети таҳқиқро** маводи топонимии яке аз минтақаҳои таърихии Чағониёни қадим (водии Ҳисор ) бо номи воҳаи Сурхон (ҳоло вилояти Сурхондарёи ҷумҳурии Узбекистон) ташкил медиҳад, ки дар давоми зиёда аз даҳ соли сафарҳои илмӣ гирдоварӣ шудаанд. Инчунин барои гирдоварии маводи таҳқиқ фарҳангҳои топонимии муҳаққиқони узбек М. Қораев ва Т. Нафасов мусоидат кардаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқро** навиштаҳо ва таҳқиқотҳои як қатор олимону донишмандони ватаниву хориҷии соҳаи ономастика (номшиносӣ) , алалхусус топонимика ташкил додаанд , ки номашон дар саҳифаи 11-уми диссертатсия ва саҳифаи 8-уми автореферати диссертатсия муфассалан зикр гардидаанд.

**Асосҳои методологии** таҳқиқи рисолаи мазкурро равишҳои таҳқиқии мушоҳида, муқоиса, ҳамзамонию дерзамонӣ (диахронӣ ва синхронӣ) , оморӣ , таҳлили луғавию маъноӣ ва сохторӣ фаро мегирад, ки тавассути ин равишҳои таҳқиқ ҷойномҳои сарзамини тоҷикнишини Сурхон то қадри имкон, аз даврони қадим то имрӯз мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегиранд ва таҳаввулу тағйироти шаклии онҳо нишон дода шуда, то ба кадом поя ҷойномҳои воҳаи Сурхон ба дигаргунии сифативу миқдорӣ дучор шудаанд, муайян карда мешавад.

Он сарчашмаҳои хаттии муътамаде , ки дар рафти таҳқиқ аз онҳо хеле хуб истифода карда шудаанд , дар саҳифаи 12-уми диссертатсия (ҳошияи дуюм) ва саҳифаи 8-уми автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он дида мешавад, ки ҷойномҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи маънои луғавӣ, баромаду мансубияти забонӣ, ташаккулу таҳаввул, дигаргуниву тағйироти сохторӣ, баррасии решашиносии топонимҳо, таҳлили топоформантӣ ва тобишҳои маъноӣ бори аввал дар илми забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, ҳангоми баррасиву таҳқиқ гунанокии баъзе ҷойномҳо бо усули таърихӣ баррасӣ гардида, сайри таърихиашон нишон дода шудааст. Ва дар баробари ин вижагиҳои таърихии ҷойномҳои минтақаи таърихан тоҷикнишини Сурхон ба таври амалӣ бозгӯӣ шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар шаш банд мухтасаран саҳифаҳои 11 ва 12-уми диссертатсия ва саҳифаи 9-уми автореферат баён гардидаанд, хулосабарории амиқи муҳаққиқи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти муайяни назариявӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши категорияҳои дигари ономастика мусоидат менамояд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои назариявии ономастикаи забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ метавонанд, мавриди истифода қарор бигиранд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ на танҳо барои кушодани баъзе масъалаҳои соҳаи забоншиносӣ, балки дар ҳалли проблемаҳои марбут ба фанҳои дигари филологӣ: таърихи адабиёт, назарифи адабиёт, ғайрифилологӣ: таъриху этнография, фарҳангшиносӣ, география ва ғайра ёрӣ мерасонад.

Маводи таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада дар коркард ва таҳияи луғатҳои филологӣ (тафсирӣ, этимологӣ), нишон додани хусусиятҳои номгузории давраҳои муайяни рушди забони тоҷикӣ ва забонҳои дигари эронӣ, шинохти вазъи фазои иҷтимоии давраҳои муайяни таърихӣ мусоидат мекунад. Дастовардҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин метавонанд барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсуси номшиносӣ, лексикология, лексикография таърихи забони адабӣ ва таҳияи луғатҳои ономастикии давраҳои муайни инкишофи забони тоҷикӣ, бо нишон додани таъсири омилҳои дохилию берунӣ, аз рӯйи маводи топонимии як минтақаи аз оғози таърих то кунун тоҷикнишини воҳаи Сурхон имконияти хуб фароҳам меоварад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар он аст , ки доир ба ин мавзуъ бори нахуст рисолаи илмии диссеотатсионӣ ба анҷом расонида, маводи дар тӯли даҳ соли фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ гирдовардашудаи топонимиро аз нигоҳи сохтор, маъно ва мансубияти забонию решашиносӣ матраҳ кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 190 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ навишта шуда, фарогири муқаддима, се боби мавзуӣ, бо хулосаҳои ҳар боб, ки дар маҷмӯъ аз 21 фасл иборат аст, хулосаи муфассали илмӣ, ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, феҳристи адабиёт ва замима («Луғати мухтасари ҷойномҳои воҳаи Сурхон») таркиб ёфтааст.

**Арзиши илмии бобу фаслҳои рисола**. Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба муҳим будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он , навгониҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию амалӣ ва методҳои таҳқиқ, мақсаду

вазифаҳои таҳқиқ ва монанди инҳо, яъне бахшҳои муаррификунандаи ҷузвиёти диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия **“Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии минтақа”** унвон дорад. Дар муқаддимаи боб роҷеъ ба муҳим будани мавзуи таҳқиқ асоснок гаштааст , дараҷаи омӯзиши ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқ муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон дода шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муқаррар карда шудаанд. Дар боби мазкур, ки дарбаргири се зермавзуъ ва хулоса иборат аст, нахуст оид ба мавкеи ҷуғрофӣ ва таърихи минтақаи тоҷикнишини Сурхон маълумоти ҷолиб дода шуда баъдан дар зермавзуъҳои боб оид ба сарчашмаҳои хаттии перомуни ҷойномҳои водии Сурхон маълумотдиҳандаи илмӣ, адабию бадеӣ ва фарҳангномаҳои асримиёнагӣ ва муосир маълумоти кофии илмӣ оварда шудааст. Боби мазкур дар банд хеле илмӣ хулосабарорӣ карда шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Баррасии вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воҳаи Сурхон»** унвон доштааз сездаҳ фасл ва хулосаи мухтасари зерин иборат мебошад : қабатҳои луғавии ҷойномҳои воҳа , ойконимҳои воҳа, гидронимҳои воҳа, Оронимҳои воҳа , этнотопонимҳои воҳа, антротопонимҳои воҳа, фитотопонимҳои воҳа, зоотопонимҳои воҳа , баррасии этимологии топонимҳо , ҷойномҳои тоҷикӣ, ҷойномҳои арабӣ, ҷойномҳои туркӣ-муғулӣ , топонимҳои омехта аз рӯйи баромади забонӣ, хулосаи боб. Ҷараёни таҳқиқ таҳлили мавод ва баррасии онҳо тибқи методҳои интихобшуда хеле илмӣ сурат гирифта аст. Маводи топонимии ҳар фасл вобаста ба қабатҳои луғавӣ мавриди таҳлили амиқ ва дақиқ сурат гирифтаанд. Оид ба маводи топонимии ҳар фасл вобаста ба мавзуъ ва қабати луғавӣ хулосабарориҳо амиқу дақиқ ва илмӣ сурат гирифтаанд. Хулоса, маводи луғавии боби мазкур комилан аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқшуда ва дуруст таҳлилгардида мебошанд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Баррасии вижагиҳои сохтории ҷойномҳои воҳа»** ном гирифта аз панҷ фасли мавзуӣ ва хулосаи мухтасари илмии боб иборат мебошад. Дар боби мазкур маводи топонимии воҳаи Сурхон аз рӯйи сохтори морфологӣ, яъне сарфӣ таҳқиқ ва таҳлил гардида, топонимҳои аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва ибора-ҷойномҳои воҳа ба таври муфассал ва хеле илмӣ баррасӣ гардидаанд. Хулосаи илмии боби мазкур дар ҳашт банд, дар саҳифаҳои 155 ва 156-уми диссертатсия ба таври илмии роиҷ хулосабарорӣ карда шудаанд.

**Хулосаи илмии диссертатсия** дар 14 банд дуруст хулосабарорӣ карда шудааст. Тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар охири рисола оварда шудааст.

Диссертант «Феҳристи адабиёт», яъне аппарати илмии диссертатсияро, ки теъдоди он 242 адад мебошад, тибқи тартиби алифбо ва талаботи илмию техникии диссертатсияҳои илмии таҳияи руйхати адабиёт дуруст ҷобаҷогузорӣ намудааст.

Ба сифати замима дар охири диссертатсия «Луғати мухтасари ҷойномҳои ҷуғрофии воҳаи Сурхон» оварда шудааст , ки саҳифаҳои 184 - 190 – уми рисоларо дар бар гирифта ба ҳусни илмии диссертатсия ҳусни тозае зам кардааст, ки барои муҳаққиқони соҳа ва кулли ниёзмандон хеле муфид мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо ва комёбиҳои назаррасси илмии кор дар рафти таълиф ва баррасии диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳое роҳ ёфтаанд , фикр мекунем зикри онҳо ба муваффақияти кори илмии унвонҷӯ хоҳад буд:

1. Дар мавзуи диссертатсия калимаи «воҳа» истифода шудааст , ки «воҳа» мафҳуми тангро ифода мекунад ва ин вожаи арабӣ асосан ба маънои тангно ва дара истифода мешавад, бояд, ки ба ҷои «воҳа» вожаи «водӣ» истифода мешуд.

2. Дар охири диссертатсия феҳристи ному насаби гӯяндагон (информаторон) оварда мешуд, хеле хуб буд ва дар таълифи монография ба эътибор гирифта шавад хуб аст.

3. Дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола ( дар мавзуи бобҳо ) ба ҷои вожаи «баррасӣ» вожаи «таҳқиқ» навишта мешуд хуб буд , чунки маънои «баррасӣ» «таҳия» ва муаррифӣ шудан аст ва «таҳқиқ» илмӣ буда , мафҳуми мушаххаси илмиро ифода мекунад.

4. Дар муқаддимаи кор, бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ кори таҳқиқотии Р. Холназаров, ки «Антропонимияи тоҷикони ноҳияи Лахш» ном дорад, барғалат «Масоили ҷанбаҳои этнолингвистии гӯйишҳои тоҷикони ноҳияи Лахш» оварда шудааст. Сарчашмаҳои таҳқиқ бояд дақиқ бошанд .

5. Ҳангоми банду басти диссертатсия ва чопи он ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, мантиқӣ ва китобӣ (дар саҳифаҳои 2, 3, 5 (ба ҷойи Ёқути Ҳаммавӣ барғалат Ёқути Ҳиравӣ оварда шудааст бо истинод ба Н. Офаридаев) 8, 9, 10, 11, 12, 22 ва ғайра) роҳ ёфтаанд.

6. Дар боби дуюми диссертатсия , дар фасли «Баррасии этимологии топонимҳо» топонимҳои мансуб ба гурӯҳи забонҳои эронӣ, бавижа забонҳои шарқиэронии суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва сакоӣ-хутанӣ дар бахши алоҳида оварда нашудааст. Алалхусус топонимҳои суғдӣ ва

бохтарӣ, ки теъдодашон дар води Сурхон зиёданд. Дар рисола ҳарҷо-ҳарҷо оварда шудааст. Ғалатҳо ва нуқсонҳои фавқуззикр аксаран характери тавсиявӣ дошта, ҳеҷ гоҳ ҳусну қубҳи аслии диссертатсияи комилан илмии ҳозирро кам намекунанд ва ҳамаи онҳоислоҳшаванда буда, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати диссертатсия мусоидат мекунанд. Дар маҷмуъ диссертатсия, рисолаи илмии комилан анҷомёфтаи дорои навгониҳо ва муваффақиятҳои назарраси илмӣ мебошад.

**Тасдиқи интишори натиҷаҳои диссертатсия ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар маҷаллаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолае , ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст. Ҳамчунин унвонҷӯ 4 мақолаи илмӣ дар маҷмуаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (дар "Паёми донишгоҳи Термиз") ба чоп расонидааст, ки муҳтавои асосии маърузаҳои илмии унвонҷӯйро дар конференсияҳои илмии сатҳи донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд , ки то андозае ба сифати як муҳаққиқи забоншинос ба камол расидани Турсунова Мунаввара Аъзамовнаро собит менамоянд. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (29.12.2022, суратмаҷлиси № 5) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Дар маҷмуъ диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузонташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссетатсия дар ҳаҷми 190 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ навишта шуда, фарогири муқаддима, се боби мавзуӣ (бо хулосаҳои мухтасар), хулосаи ниҳоии диссертатсия, феҳристи ихтисораҳо ва феҳристи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо мебошад. Дар охири диссертатсия дар 7 саҳифа замима-«Луғати мухтасари ҷойномҳои ҷуғрофии воҳа» оварда шудааст, ки фарогири 198 воҳиди луғавӣ мебошад.

**Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.** Автореферат бо мазмуни диссертатсия пурра мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ, яъне муҳтавои асосӣ ва сохтори диссертатсияро нишон дода, асоснок, муҳим будани мавзуъ, дорои навгонии таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалӣ доштаи он ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро пурра инъикос кардааст. Инчунин автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи ба табърасида (7 адад мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и

ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар маҷмуаҳои илмии Конференсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон) мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Турсунова Мунаввара Аъзамовна таҳти унвони «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.– Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар асоси мубрамии таҳқиқот, навгониҳои илмии он, ҳаҷми кори таҳқиқотии иҷрошуда ва аҳамияти хуби назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ, ки таҳти унвони «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» манзур шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми июни 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Турсунова Мунаввара Аъзамовна барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Номзади илми филология,**
**ходими пешбари илмии**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ** **Тураев Б. Б.**

**Суроға : 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.**
**Тел.: 111- 555 - 750**

**Имзои Б. Б. Тураевро тасдиқ менамоям:**
**сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**

**«22» 05 соли 2023**